# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи доктории Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич дар мавзуи «Масъалаҳои асосии нақду сухансанҷии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01–Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)**

Масъалаҳои таҳқиқу пайдоиши нақди адабӣ ва таҳаввулу танаввуи он дар адабиёти классикии тоҷику форс чандон таърихи тулонӣ надорад. Дар миёнаи солҳои 70-ум ва 80-уми асри гузашта адабиётшиносон Х.Шарифзода, Р.Мусулмониён, А.Сатторзода ва М.Шарифов дар заминаи «консепсияи эстетикаи нормативӣ» ба баррасии вижагиҳои назарияи адабиёт дар осори адибони гузашта даст заданд ва дар иртибот бо моҳияти саноъеи адабӣ, дастурҳои таърифу таснифи жанрҳо дар улуми адабии классикӣ, решашиносии ақоиди назарияпардозон, таносуби лафзу маънӣ ва суннату навангезӣ дар афкори адабиётшиносони салаф рисолаҳои мабсуте таълиф намуданд. Вобаста ба мавзуи меҳварии худ донишмандони мазкур ҷо-ҷо ба масъалаҳои нақди адабӣ ва сайри таҳаввули таърихии он низ таваҷҷуҳ намудаанд. Аммо, то ҳол тадқиқоти ҷудогонае роҷеъ ба марҳалаҳои такомули нақди адабӣ, ки ҷузви муҳимми шинохт ва маърифати осори бадеӣ ба шумор меояд, сомон наазируфтааст. Ҷустуҷӯҳои олимони рус ва Эрон гоҳе хеле умумӣ ва гоҳе дар маҳдудаи танге сурат гирифта, омӯзиш ва баррасии комплексии муаммоҳои нақди адабиро ҳадафи аслии худ қарор надодаанд.

Нақду сухансанҷӣ дар адабиёти тоҷику форс таърихи тулонӣ дошта, ба меъёрҳои эстетикии он дар заминаи ақоиди адабии Эрони бостон бо баҳрабардорӣ аз осори илмии Ҳинду Юнони қадим ва илми балоғати даврони исломиягӣ шакл пазируфтааст. Дар адабиёти асрҳои XVI-XVII чанд навъи нақд, аз ҷумла нақди ахлоқӣ, иҷтимоӣ, равоншиносӣ, таърихӣ, нақди шуаро, нақди фаннӣ, ки дар мутуни бадеӣ, тазкираҳо ва осори улуми адабӣ гоҳе мухтасару гоҳе муфассал ба зуҳур расидаанд.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки муаллиф барои таълифи он сарчашмаҳои фаровони адабиву таърихиро бо хатти ниёгон ва кириллӣ мутолиа намуда, ба истифодаи маводи таҳқиқоти фаровони дар ин замина анҷомёфта, хоса таҳқиқ ва таълифоти марбут ба накди тазкираҳо ва осори таърихии асрҳои мадди назар аз ҷониби олимони ватаниву хориҷӣ муваффақ шудааст. Диссертант дараҷаи таҳқиқи худро ба накду баррасии пажуҳишҳои анҷомёфта оид ба накди тазкираҳо маҳдуд накарда, инчунин нақши ҳавзаҳо ва маҳфилҳои адабии Варорӯд, Эрону Ҳиндустонро баён намудааст, ки арзиш ва аҳаммияти таҳқиқоташро дар мавриди накду сухансанҷӣ дар адабиёти асрҳои XVI-XVII тоҷику форс бозгӯй менамояд. Дар баробари ин, дар боби дуюми диссертатсия як таҳқиқоти мукаммале дар бораи анвои накди адабӣ ва ривоҷи онҳо дар адабиёти тоҷику форси асрҳои XVI-XVII дар ҳафт зерфасл ба анҷом расидааст, ки арзиши муҳимми илмиро дорост.

Таҳқиқи накди муаллифӣ дар осори суханварони асрҳои XVI-XVII, ки яке аз равишҳои қадимтарину муассиртарини накди шоирон – андешаҳои адабии суханварон оид ба ҳусну қубҳи осори шуарои мутаққадим ва муосирони худ мебошад, аз арзишҳои муҳимми адабиётшиносии диссертатсия маҳсуб мешавад. Диссертант дуруст таъкид намудааст, ки дар ибтидо андешаҳои назарии адибон нисбатан сода буда, асосан, аз васфи саромадон, поягузорони адабиёти классикии тоҷик, амсоли устод Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, эътирофи ҳунари шоирии бузургон ва баъзан аз эродгирӣ ба шеъри дигарон буда, дар давраҳои баъдии инкишофи адабиёт, тавсеаи доираи мавзуъҳо ва мундариҷаи ашъори онҳо, амсоли масоили фалсафию илмӣ, пайдоиши ҳавзаву мактабҳои бузурги адабӣ, махсусан, рӯи саҳнаи адабиёт ба ҷавлон омадани адабиёти ирфонӣ ва офарида шудани шоҳкориҳои адабии ирфонӣ, ривоҷи адабиёти дарборӣ, сабқати шоирон дар ҳунари шоирӣ, ба вуҷуд омадани рақобати шадид дар миёни суханварон, хӯрдагирии

шоирон ба ашъори якдигар, даъвӣ ва исботи бартарии хеш аз муосирон, изҳори эҳтиром нисбат ба устодони бузурги салаф дар ашъори шоирон инъикос ёфтааст, ки дар маҷмуъ афкори адабии онҳоро ташкил медиҳад, ки ҷанбаи мавзуии осори суханваронро бо шеваи ҷолиб бозгӯй намудааст.

Натиҷагириҳои муҳаққиқ низ аз баҳсу баррасиҳои доманадори диссертатсия хеле ба тафсил сурат гирифтааст, ки дар 27 банд пешниҳод шудани хулосаҳои диссертатсия худ гувоҳи он аст, ки диссертант ба таълифи як рисола муваффақ шудааст, ки масъалаҳои накду сухансанҷиро дар адабиёти асрҳои XVI-XVII ба сурати мушаххас ҷамъбаст намояд.

Дар маҷмуъ, метавон таъкид дошт, ки диссертатсияи мавриди тақриз як сами тозаи таҳқиқӣ дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор рафта, дар он масъалаҳои накду сухансанҷӣ дар адабиёти тоҷику форси асрҳои XVI-XVII ба таври густарда ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аз рӯи диссертатсия нашр шудани 1 монографияи илмӣ ва 32 мақола, ки аз ҷумлаи онҳо 20 ададашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд, бегумон аз фаъолияти босамари илмии муаллиф дарак медиҳанд.

Дар баробари ин дастовардҳои назаррас мушоҳида мешавад, ки дар автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ҷой доранд, киислоҳи онҳо арзиши илмии онро боз ҳам меафзоянд:

1. Қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ дар мукаддима муфассал шарҳу баён ёфтааст, ки аз огоҳии комил ва мутолиаи зиёди муаллифи рисола шаҳодат медиҳад. Вале ба назар мерасад, ки диссертант ба масъалаи таҳқиқи масъалаҳои накд, навъҳои он, асосан ба ба таҳқиқоти олимони кишварҳои форсизабон такя намуда, ба масъалаи пажуҳиши шарқшиносони русиву аврупоӣ камтар таваҷҷуҳ намудааст.

2. Фасли дуюми боби дуюм «Накди муаллифӣ дар осори суханварони асрҳои XVI-XVII» номгузорӣ шуда, осори шоирони мумтози даврон монанди Камолиддин Биноӣ, Бадриддин Ҳилолӣ, Абдурраҳмони Мушфикӣ, Шавкати Бухороӣ, Нозим, Сайидои Насафӣ, Соиби Табрезӣ накду баррасӣ шудаанд. Ба андешаи мо хуб мешуд баашъори суханвароне ҳамчун Фитрати Зардӯзи Самарқандӣ ва Мулҳами Бухороӣ низ нуктаи назари хешро иброз менамуданд.

Дар асл эродҳои мазкур ба ҳеҷ ваҷҳ қимати илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки диссертатсияи доктории **Маҳмадшоев Маҳмадшо Мирзошоевич** дар мавзуи **«Масъалаҳои асосии накду сухансанҷии адабиёти тоҷику форс дар асрҳои XVI-XVII»** ба муқаррароти Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи авторефератҳо ҷавобгӯ буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.01– Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мебошад.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи адабиёти тоҷики
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Икромов Искандар

Нишонӣ: 735140, ш.Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо 66/42
Тел.:(+992905002651)

Имзои профессор И.Икромовро тасдиқ мекунам.

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав» Шукурзод Ҷ.А.

Нишонӣ: 735140, ш.Бохтар, к.Айнӣ,67,
МДТ-и «Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав»
E-mail: bgu-1978@mail.ru
Тел.: (832 22) 2-45-20; 2-22-53

«02» 07 соли 2024